

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*

# ШИФО

№17 (17) 12.11.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон




## ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ НАВБАТИ АВВАЛИ КОРХОНАИ ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУДИ "ФАРМ ТЕКС"

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навбати аввали корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Фарм Текс" - ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо фаъолияти он аз наздик шинос шуданд.

Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ бунёд шуда, ба истеҳсоли маводҳои бастубанди тиббӣ, косметологӣ ва истифодаи гигиенаи шахсӣ машғул буда, дар маҷмӯъ 13 номгуи маҳсулот истеҳсол менамояд.

Хатҳои истеҳсолӣ ва дигар дастгоҳҳову таҷҳизоти корхона аз Олмон дастрасу насб гардида, имконият медиҳад, ки маҳсулот то ҳадди ниҳой бо сифати баланд коркарду пешниҳоди харидорон карда шавад.

Дар ҷамъият ду навъи маҳсулот - маводҳои басту банди тиббӣ ва истифодаи гигиенаи шахсӣ дар асоси коркарди саноатии пахта истеҳсол гардида, тибқи таҳлили мутахассисон айни замон талабот ба чунин навъи маҳсулот дар бозори дохилу хориҷ зиёд аст. Корхона дар як шабонарӯз имконият дорад, ки 2 ҳазор килограм пахтаро коркард карда, дар доираи стандартҳои ҷорӣ дар навбати аввал пахтаи гигроскопии сафедкардашударо омода намуда, сипас пахтаи тиббӣ, пахтаи стоматологӣ дар шакли тампон, салфеткаҳои пахтагиву докагӣ, пахта ва навҳои гуногуни бинти тиббии тамизшуда ва лейкопластир истеҳсол намояд.

Ҳамзамон барои истифодаи гигиенаи шахсӣ ва косметологӣ дар корхона истеҳсоли дискҳои пахтагӣ, чубчаҳои пахтагӣ, салфеткаҳои пахтагӣ ва инчунин аз омехтаи пахта ва маводҳои сунъӣ тавлиди дигар навъи маҳсулоти тиббӣ ба роҳ монда шудааст.

***Идома дар саҳ.2***


ИФТИТОҲИ КОЛЛЕҶИ ТИББӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА

саҳ.2

МАШВАРАТИ РАСМИИ ШАРҲИ ЯКҶОЯИ СОЛИ ҲАШТУМИ ТАТБИҚИ «СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ СОЛИМИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2020»

саҳ.3

ФАРБЕҲӢ ВА ПЕШГИРИИ ОН

саҳ.7

ПАХТА ВА ХОСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИ ОН

саҳ.8


## Сухани Пешвои миллат

Дар кишвар ҳоло қариб 1300 озмоишгоҳ дар сохтори дармонгоҳу беморхонаҳо ва 116 озмоишгоҳи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият мекунад, ки вазифаи онҳо бо истифода аз технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ташхис ва муайян кардани бемориҳо мебошад.

## ҚИССАИ БА ВНМО ГИРИФТОР ШУДАНИ СИТОРА

*Ситораву Ҷамшед баъди як соли хонадорӣ соҳиби писараки дӯстрӯяке шуданд ва нахустфарзанди худро дар пайравии исми падараш Фаршед ном ниҳоданд. Ин ҷуфти ҷавон бо ҳам рӯзгори хуше доштанд, ҳарчанд Ҷамшед ҳар сол ба муҳоҷират мерафту ранҷи дурӣ мекашиданд. Ҳамаи достонҳои ширинро як "аммо" ба ҳам мезанад ва қадами номубораки ҳамин "аммо" буд, ки афсонаи рангини ҷуфти моро ба ҳақиқати талху сангин табдил дод – меҳмони нохондае бо исми болохонадори вируси норасоии масунияти одам вориди хонадони Ситораву Ҷамшед гардид... Ин ҷо як исти кӯтоҳ мекунем, то хонандаи азизро бо меҳмони нохонда шинос намоем.*

Вируси норасоии масунияти одамро (ВНМО) ба оилаи вирусҳои иртиҷоӣ (Retroviridae), ҷинси лентивирусҳо (Lentivirus) дохил мекунанд. ВНМО ба системаи масуният осеб расонида, ҳуҷайраҳои масуниятро (CD4+, лимфоситҳо, макрофагҳо ва ғайра) хароб мекунад ва боиси сустшавии системаи назорату ҳифзи организм аз сироятҳо ва баъзе намудҳои бемории

***Идома дар саҳ.5***

# ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ НАВБАТИ АВВАЛИ КОРХОНАИ ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУДИ “ФАРМ ТЕКС”

*Идома аз саҳ.1*



Корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Фарм Текс” асосан пахтаи пастсифатро коркард карда, бидуни истифодаи хлор тариқи технологияи муосир аз он пахтаи гигроскопии сафедкардашуда ва дигар номгуи маҳсулоти тиббӣ омода менамояд.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки корхонаи мазкур дар Осиёи Марказӣ ягона буда, гузашта аз ин тавлиди ин навъи маҳсулот дар кишвар роҳандозӣ нагардида буд.

Маводҳои бастубанди тиббӣ, косметологӣ ва истифодаи гигиенаи шахсӣ қаблан аз хориҷи кишвар ворид мегардид ва тибқи баҳогузории мутахассисони соҳа ба стандартҳои ҷории тиббӣ ҷавобгӯ набуд. Корхонаи навтаъсис имконият дорад, ки маҳсулоти бо сифати баланд ва ба саломатӣ безарарро истеҳсол карда, на танҳо маҳсулоти воридотивазкунанда, балки ба содирот нигаронидашударо ба бозорҳои дохилу хориҷ пешниҳод намояд. Пас аз ифтитоҳи корхонаи нав воридоти ин номгуи маҳсулот ба пурагӣ аз хориҷи кишвар қатъ гардида, эҳтиёҷоти соҳаи тандурустӣ ва аҳолии мамлакат бо истифода аз иқтидори корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Фарм Текс” қонеъ карда мешавад. Корхона дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ - пахта фаъолият намуда, дар марҳилаи аввал дар Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Фарм Текс” 80 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб гардид.

Аснои шиносоӣ иттилоъ дода шуд, ки то ҷашни Наврӯз боз 50 нафари дигар дар сехи дузандагии корхона соҳиби ҷои кори доимӣ мегарданд.

Корхонаи навтаъсис бидуни партов фаъолият намуда, пасмондаҳои маҳсулот барои духтани курпа, курпача, ҷома ва дигар номгуи сару либос ба занони хонашини соҳибҳунар тақсим карда мешавад, ки аз ин ҳисоб онҳо даромад ба даст меоранд.

Корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Фарм Текс” аз биноҳои истеҳсолӣ ва дигар иншооти ёрирасон иборат буда, дар масоҳати наздик ба 4000 метри мураббаъ сохта ба истифода дода шуд.

Пас аз ифтитоҳи навбати аввали корхона Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара барои бунёди марҳилаи дуюми корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Фарм Текс” санги асос гузоштанд.

Иттилоъ дода шуд, ки корхонаи мазкур барои истеҳсоли докаи тиббӣ ва моводи истифодаи гигиенаи шахсӣ пешбинӣ гардида, дар сурати бунёди он боз 40 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ мегардад. Тибқи иттилои масъулин давоми 8 моҳ, марҳилаи дуюми корхона мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Иншооти мазкур аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ ба истифода дода шуд, ки ин иқдом дар оянда барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Тибқи нишондиҳандаҳои лоиҳавӣ корхона дар оянда имконият дорад, то 3 миллион метри мураббаъ докаи тиббӣ, 10 миллион адад маҳсулоти алоҳидаи бастубандшудаи бинт, салфетка ва урёбчаву маҳсулоти гигиенӣ истеҳсол намояд.

Зимни шиносоӣ Пешвои миллат сохтмончиёну масъулинро барои иҷрои саривақтии корҳо вавасалу насби хатҳои муосири истеҳсолӣ вазифадор намуда, ба онҳо дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Ҳамзамон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ барои ободу зебо нигоҳ доштани гирду атроф дарахтони ҳамешасабзу соядиҳанда ва гулу буттаҳои мавсимӣ шинонида шудааст.

Пешвои миллат ба масъулин барои рушди истеҳсолот, тавлиди маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда дастуру ҳидоятҳои муфид доданд.

**www.president.tj**

## ИФТИТОҲИ КОЛЛЕҶИ ТИББӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА



Дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Коллеҷи тиббиро мавриди истифода қарор доданд.

Коллеҷи тиббӣ аз ду бинои панҷошёнаи хуштарху замонавии таълимӣ иборат буда, барои ба таҳсил фаро гирифтани 1510 нафар донишҷӯ пешбинӣ шудааст.

Президенти мамлакат зимни боздид ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити таҳсил дар Коллеҷи тиббӣ баҳои баланд доданд.

Иттилоъ дода шуд, сохтмони бинои Коллеҷи тиббӣ соли 2015 оғоз шуда, фармоишгари иншооти мазкур Дирексияи сохтмони иншооти хукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бинои асосии Коллеҷи тиббӣ дорои 42 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла синфхонаҳои морфология ва физиологияи одам, биологияи тиббӣ ва химия, забонҳо, ҷомеашиносӣ, компютерӣ ва корию техникӣ иборат буда, бо муосиртарин дастгоҳу таҷҳизоти таълимӣ муҷаҳҳаз карда шудааст.

*Идома дар саҳ.3*

# ПАЁМИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ

Ҳамватанони азиз!

Имрӯз ба санаи таърихии қабули Конституцияи Тоҷикистони соҳибистиқлол бисту чор сол пур мешавад.

Тамоми мардуми шарифи кишварро ба ин муносибат самимона табрик мегӯям.

Бисту чор сол пеш, яъне 6 ноябри соли 1994 шаҳрвандони Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ санади сарнавиштсозеро қабул намуданд, ки он асоси рушди минбаъдаи давлатдории тоҷикон гардид.

Конститутсия ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро фароҳам оварда, шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани Конститутсия нишонаи ҳисси баланди масъулияти шаҳрвандони мо нисбат баояндаи худ, тақдири минбаъдаи давлат ва ифодаи рӯҳияи ватандӯстиву худшиносии мардум гардид.

Қабули Конститутсия имконият дод, ки дар мамлакат сулҳу субот барқарор шуда, ҳаёти ҷомеа ба маҷрои осоишта равона карда шавад, қонунияту тартибот барқарору ҳукмрон гардад ва дар ин замина барои рушди соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёт шароити мусоид ба вуҷуд оварда шавад.

Дар Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ эътироф ва халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардид.

Аз ҷониби халқи Тоҷикистон пазируфта шудани роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар заминаҳои воқеии ҳуқуқӣ гузошт.

Марому мақсади халқи Тоҷикистон, ҳадафҳо ва нақшаҳои стратегии давлат, ки дар Конститутсия эълон шуда буданд, дар як муддати кӯтоҳ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳон пазируфта шуданд, зеро онҳо бо арзишҳо ва ҳадафҳои ҷомеаи мутамаддини башарӣ мутобиқ мебошанд.

Имрӯз мо ифтихор мекунем, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи башар мебошад ва ба сӯи пешрафту тараққиёт бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Бо дарназардошти таъмин намудани рушди бемайлону устувори ҷомеа ва амалӣ гардонидани мақсадҳои стратегии халқи тоҷик солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсия тағйироти зарурӣ ворид карда шуданд, ки дар натиҷа ин санади тақдирсоз боз ҳам мукаммал гардид, хусусан, рукнҳои давлатдорӣ, ки заминаҳои зарурии ҳифзи истиқлолияти миллӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро таъмин мекунанд, таҳкиму тақвият пайдо карданд.

Бисту чор соли амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит сохт, ки қонуни асосии зиндагии давлат ва ҷомеаи мо аз имтиҳони ҷиддии ҳаёт гузашт ва дурустии мақсаду вазифа ва арзишҳое, ки Конститутсия ба онҳо асос ёфтааст, исбот гардид.

Натиҷаи ҳамин дастовардҳои конститутсионист, ки имрӯз дар мамлакат сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пойдор мебошад ва халқи Тоҷикистон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ба ободиву созандагии сарзамини соҳибистиқлоли худ машғул аст.

Имрӯз сокинони кишвари мо ифтихор доранд, ки соҳиби Ватан ва давлати соҳибихтиёр мебошанд, Конститутсияи ҷавобгӯйи ба орзуҳои мардумӣ доранд ва дар фазои сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ зиндагӣ мекунанд.

Бори дигар ҳамаи сокинони Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи Конститутсия табрик гуфта, ба хонадони ҳар фарди Ватан сулҳу оромӣ, бахту иқболи нек ва ба кишвари азизамон пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Ҷашни санади тақдирсоз муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**www.president.tj**

## ИФТИТОҲИ КОЛЛЕҶИ ТИББӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА

*Идома аз саҳ.2*

Дар бинои дуюми Коллеҷи тиббӣ 31 синфхона, аз ҷумла синфхонаҳои физика, информатика, фармология, ҷарроҳӣ ва 38 ҳуҷраи корӣ мавҷуд мебошад, ки ҷараёни таҳсил дар онҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ сурат мегирад.

Коллеҷи тиббӣ ҳамчунин дорои китобхонаи электронӣ барои 70 ҷой, толори хониш бо фарогирии 60 нафар донишҷӯӣ ва дар ошёнаи якум маҷлисгоҳ бо 300 ҷойи нишаст мебошад.

Толори варзишии Коллеҷи тиббӣ бо 240 ҷой нишаст дорои шароити арзандаи машқу тамрин буда, ошхона барои зиёда аз 200 ҷои нишаст дар хизмати донишҷӯён қарор дорад.

Барои донишҷӯён дар



синфхонаҳои Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара имкониятҳои фарроҳи донишандӯзӣ муҳайё буда, онҳо бо истифода аз шароити арзандаи таълимӣ ба ҳайси мутахассисони варзидаи соҳаи тандурустӣ ба камол хоҳанд расид.

Донишҷӯён бо дарки масъулияти баланд аз ғамхорию таваҷҷуҳи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри фароҳам сохтани шароити хуби таҳсил бо ифтихору сарфарозӣ изҳори хушнудӣ карданд.

Дар Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара баробари мавриди истифода қарор гирифтани биноҳои нави таълимӣ имкониятҳо барои ҷалби донишҷӯён ба таҳсил торафт васеъ мегардад.

Аснои шиносоӣ бо шароити таҳсил дар Коллеҷи тиббӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо донишҷӯён суҳбати озоду самимӣ намуданд ва онҳоро барои омӯзиши ҳарчи бештари донишҳои замони муосир ва технологияи замонавӣ ҳидоят карданд.

***www.president.tj***

## Машварати расмии шарҳи якҷояи соли ҳаштуми татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» (Саммит-8, 2018)



Чунончӣ қаблан хабар дода будем, 2 ноябри соли равон дар шаҳри Душанбе дар Муассисаи давлатии "Маҷмааи Душанбе-Плаза" машварати расмии Шарҳи якҷояи соли ҳаштуми татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» баргузор гардид. Дар кори ҷаласа намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони сохторҳои тандурустии шаҳру вилоятҳо ва муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, намояндагони Ташкилоти Умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Шарикони ҳамкор оид ба рушд, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва доираи васеи рузноманигорон иштирок намуданд.

Бояд таъкид намуд, ки зимни Саммит-8 дастовардҳои умумӣ ва мушкилоти татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» ва саҳми шарикони рушд таҳлил карда шуданд.

Ҷаласа бо пахши суруди касбии табибони Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфта, Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сухани ифтитоҳӣ меҳмонон ва иштирокчиёни ҷаласаро хайра мақдам гуфт. Сипас бо сухани табрикотӣ Хайринисо Юсуфӣ, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Азим Иброҳим, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Азим Иброҳим, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббию санитарӣ ба аҳолӣ дар доираи татбиқи стратегияву барномаҳои миллӣ бо мақсади пешгирии ташхис ва муолиҷаи бемориҳои ғайрисироятӣ, аз ҷумла бемориҳои ишемиявии дил, саратон, осеббардорӣ, беморони гирифтори нуқсонҳои модарзодӣ, диабети қанд ва хусусан, бемории ВНМО ва сил тадбирҳои муассир андешида, ҳамаи кӯшишу ғайрати худро барои сари вақт ва самаранок амалӣ гардонидани онҳо равона гардонида истодааст.

Ҳамчунин дар ҷаласа Игор Поканевич, роҳбари Намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, аз ҷумла изҳор дошт, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" корҳои мушаххасе анҷом дода шуданд ва ин ҳамкориҳо минбаъд низ идома меёбанд.

Оид ба дастовардҳои системаи тандурустӣ дар марҳилаи солҳои 2010-2018, амалисозии "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ суханронӣ намуд.

Воқеан, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 барои фароҳам намудани инфрасохтори муосиди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифат, сарибақтӣ ва баландихтисоси тиббию иҷтимоии муосир ва муқтадир корҳои муайяне ба анҷом расонидааст, ки рушди хизматрасонии тиббӣ ва ташаккул додани соҳаи фармасевтии кишвар бо дарназардошти дастовардҳои илми муосир ва технологияи ҳозиразамон, ба роҳ мондани усулҳои нави пешгирӣ, ташхис ва табобат, татбиқи самараноки барномаҳои соҳавӣ, омӯзиш ва андешидани тадбирҳо вобаста ба масъалаҳои хизматрасонии маъюбон ва солимгардонии онҳо, мукаммалгардонии сохторҳои системаи тандурустӣ, такмили сиёсати кадрӣ ва ҷобаҷогузории кормандони соҳаи тандурустӣ ва компютеризатсиякунонии самтҳои мухталифи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва ғайра бахше аз ин масъалаҳоянд.

> *Бояд зикр намуд, ки яке аз самтҳои аввалиндараҷаи фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин такмил ва рушди кумаки аввалияи тиббию санитарии ба тибби оилавӣ асоснокшуда ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар соли 2018 гурӯҳҳои корӣ вилоятӣ оид ба ворид ва идора намудани раванди бизнеснақшагирӣ дар шабакаи муассисаҳои КАТС- вилоятҳо (Хатлон, Суғд, ВМКБ) омӯзонида шуданд.*

Бояд зикр намуд, ки яке аз самтҳои аввалиндараҷаи фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин такмил ва рушди кумаки аввалияи тиббию санитарии ба тибби оилавӣ асоснокшуда ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар соли 2018 гурӯҳҳои корӣ вилоятӣ оид ба ворид ва идора намудани раванди бизнеснақшагирӣ дар шабакаи муассисаҳои КАТС- вилоятҳо (Хатлон, Суғд, ВМКБ) омӯзонида шуданд.

Дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ», марказҳои вилоятӣ ва шуъбаҳои байниноҳиявӣ 804 нафар кормандони тиб (82 нафар табиб ва 722 нафар корманди миёнаи тиб) даври бозомӯзиро аз рӯи ихтисоси тибби оилавӣ хатм намуда, ба ҷойҳои кории худ баргаштанд. Бояд қайд намуд, ки 643 бозомӯз, аз онҳо 91 нафар табиб, 522 нафар корманди миёнаи тиб давраҳои бозомӯзиро идома дода истодаанд.

Дар маҷмӯъ айни ҳол шумораи табибони оилавии омӯзонидашуда дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ҷумҳурӣ 4334 нафар (81,2%, талабот 5333 нафар) ва кормандони миёнаи тибби оилавӣ 8077 нафарро (75,7%, талабот 10 667 нафар) ташкил медиҳанд.

Бо мақсади ба роҳ монданӣ ҳамкории байналмилалӣ ёддоштҳои тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар раванди рушди тибби оилавӣ бо муассисаҳои махсусгардонидашудаи Федератсияи Россия, Украина, ҷумҳуриҳои Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Литва ба имзо расонида, айни замон гуфтушунидҳо бо Ташкилоти умумиҷаҳонии тибби оилавӣ (WONCA) ва Коллеҷи табибони оилавии Британияи Кабир идома доранд.

Дар самти беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ зиёда аз 50 лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, айни ҳол дар сатҳи баррасии ниҳоӣ қарор доранд.

Бо мақсади мукаммал намудани хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакони навзод 5 адад протоколҳои клиникии давраи навзодӣ боздид гардида, баҳри беҳтар намудани сатҳи ғизодиҳии кӯдакон "Дастурамали табобати кӯдакони гирифтори норасоии ғизои дараҷаи вазнин ва миёна" таҳия ва тасдиқ шуданд ва аллакай давраҳои омӯзишӣ оғоз гардиданд.

Таъмини устувори ғизои мактабӣ яке аз афзалиятҳои фаъолияти вазорат буда, 28 апрели соли 2018 «Нақшаи амал оид ба татбиқ намудани лоиҳаҳои таҷрибавии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Барномаи озуқаворӣ



*Идома дар саҳ.6*


ОДАФТ
-------- 150 --------
Флуконазол таблетки
Синтетическое противогрибковое средство из группы триазолов
Показания:
▷ Вагинальный кандидоз;
▷ Ротоглоточный и пищеводный кандидоз;
▷ Криптококковый менингит;
▷ Кандидозные инфекции мочевыводящих путей и перитонит;
▷ Системные кандидозные инфекции;
▷ Профилактика кандидоза у пациентов, получающих цитотоксическую и/или лучевую терапию после трансплантации костного мозга.
1 таблетка
ОДАФТ 150
Флуконазол таблетки
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН


ВОЛШЕБНАЯ СИЛА ТРАВ
Устраняет кашель и боль в горле
Освежает полость рта
▪ Без притовопоказаний
▪ Не вызывает побочные эффекекты
100 мл
ТРАВИСИЛ™
Травяной сироп от кашля
plethico
Pledged to Ethics
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ


НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
• Ревматоидный артрит и остеоартрит;
• Воспаления мягких тканей;
• Лихорадка;
• Боль;
• Головная боль;
• Зубная боль.
1 х 10 таблеток
Нимесулид таблетки 100 мг
НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ
plethico
Pledged to Ethics


МЕТРОГИЛ ДЕНТА
МЕТРОГИЛ ДЕНТА
Показания к применению
Инфекционно-воспалительные заболевания пародонта и слизистой оболочки полости рта:
— острый и хронический гингивит;
— острый язвенно-некротический гингивит Венсана;
— острый и хронический пародонтит;
— юношеский пародонтит;
— пародонтоз, осложненный гингивитом;
— афтозный стоматит;
— хейлит;
— воспаление слизистой оболочки полости рта при ношении протезов;
— постэкстракционный альвеолит;
— периодонтит, периодонтальный абсцесс
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН

# ҚИССАИ БА ВНМО ГИРИФТОР ШУДАНИ СИТОРА



*Мурод Пулотов, табиб*

*Идома аз саҳ.1*

саратон мегардад. Вирус ба организм роҳ ёфта, ба афзоиши фаъол шурӯъ мекунад, ҳуҷайраҳо ба фоидаи вирус «кор» мекунанд, бинобар ин, дар шахсони сироятшуда тадриҷан норасоии масуният инкишоф меёбад. Ин ҳолат ба ҳассосияти барзиёд нисбати як силсилаи васеи сироятҳо ва бемориҳо оварда мерасонад, ки ба онҳо танҳо шахсони дорои масунияти солим муқовиматпазиранд.

Барои ошноии бештар бо ВНМО ва роҳҳои гузаришу пешгирии сирояти он ба суҳбату иттилои мутахассис рӯй овардем. Тавре Мурод Пулотов, сарвари Маркази пешгирӣ ва мубориза бо бемории пайдошудаи норасоии масуният (БМНМ) дар ноҳияи Ашт бароямон иттиллоъ дод, ВНМО низ монанди вирусу бемориҳои сироятии дигар дорои роҳҳои хоси интиқол аст:

1. Тамос бо хун (ҳангоми истифодаи сӯзандоруҳо, хунгузаронӣ, таҷҳизоти тиббии тамизношуда).

2. Алоқаи ҷинсӣ (ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо шахсони бегона бе истифода аз рифола).

3. Аз модар ба кӯдак (ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд, ширмаконӣ).

Ба гуфтаи мутахассиси номбурда, дар ҳамаи моеъҳои биологии организм вирус вуҷуд дорад, аммо дар 4 моеъи дорои консентратсияи баланд: хун, нутфа, тарашшуҳоти маҳбал ва шири сина сатҳи сироятёбӣ нисбатан зиёд мебошад.

Дар баробари ин, табибони сироятшинос таъкид менамоянд, ки ВНМО тавассути сулфа, атса, истифодаи якҷояи зарфҳои ошхона, сачоқ, болишту ҷойпӯш, дастфишорӣ, оғӯш, бӯса, газидани ҳайвонот ва ҳашарот ба шахси дигар намегузарад.

Баргардем сари достони Ситораву Ҷамшед. Ситора ҳам монанди аксари ҳамсолони рустоияш баъди хатми мактаб дар соли 2013 дигар идомаи таҳсил накарда, бо ҳамдеҳааш Ҷамшед оила барпо намуд. Ӯ, дар ҳоле ки донаҳои ашк дар мижгонаш меларзанд, нақл мекунад: “Ҳарчанд ману Ҷамшед қабл аз издивоҷ якдигарро дӯст намедоштем, аммо аллакай дар моҳҳои аввали баъди ҷашни арӯсӣ чун ошиқу маъшуқ шуда будем. Соле нагузашта, ишқи мо самар овард ва хусурам ба писарчаамон Фаршед ном ниҳоданд. Таваллуди Фаршед бароям хурсандии беназиреро ато кард ва акнун таҳаммули дурии Ҷамшед ҳам ба ман осонтар гардид, чун вуҷуди писарчаам то андозае холигиҳои зиндагиямро пур карда буд...”

Вақте суҳбати мову Ситора сари мавзӯи сироятёбии ӯ расид, аз гунаҳои сафедаш ашкҳо сарозер шуданд. Мусоҳиби мо чанд бор оҳ мекашад, ҳар чӣ метавонад худро ба даст мегирад ва ба гуфтани қиссаи талхи сироятёбияш оғоз мекунад: “Мегӯянд, то шамол нашавад, шохи дарахт намеҷунбад – ин масал ба рӯзгори ман ҳам пайванд дорад. Ҳар замон аз ҳар куҷо мешунидам, ки гӯё шавҳари ман дар Русия ба беҳудакориву зишткориҳо машғул будаасту чандин дӯстдухтар ҳам доштааст ва барои ҳамин ҳам хеле дер ва бо пули андак ба Ватан бармегаштааст. Ростӣ, дар аввал аз чунин хабару овозаҳо сахт ғамгин мешудаму дар изтироб меуфтодам, аммо ҳар бор Ҷамшед маро мутмаин месохт, ки ҳаргиз хиёнат намекунад. Барои дер-дер ва бо пули кам омаданаш низ ҳар гуна далел меовард – гаҳе буҳрони иқтисодиву бекорӣ, гаҳе мегуфт, фиребашон карданду музди корашонро надоданд ва ғайраву ҳоказо ва мани хушбовар ҳам ба ҳарфи ӯ сидқан бовар мекардам. Ҳамин тавр, баъдтар дигар ба ин гуна хабару овозаҳо таваҷҷуҳ наменамудам, парвое ҳам надоштам. Ба худ мегуфтам, ки мардум аз бахиливу ҳасад чиҳое намегӯянд, ба зиндагии ширини мо ҳасудӣ мекунанд. Аммо чунончӣ гуфтам, ин шамолу ҷунбиши шохаи дарахт беҳудаву дурӯғӣ набудааст. Як бегоҳи тирамоҳии соли 2016 арӯси ҳамсояро дар лаби чашма вохӯрдам, ки мисли ман барои обгирӣ рафта буд. Ростӣ, ӯ ҳамсоли ман буд ва дар давоми ин се соли ҳамсоягӣ бо ҳам дугона шуда будему ҳар гоҳ ба қавле дилҳоямонро ба якдигар холӣ мекардем. Баъди аҳволпурсиҳо ба гуфтани навигариҳо сар кардем. Ногаҳ арӯси ҳамсоя чизеро ба хотир оварду гуфт, ки дар мавриди ман ҳам хабаре дорад, аммо намехоҳад бигӯяд. Гуфтам, агар аз он овозаҳо бошад, беҳтар аст, ки нагӯяд ва хандон сатили обро гирифта, хостам ба хона баргардам. Ҳамин вақт дугонаам пурсид, ки ҳоли шавҳарам чӣ



гуна аст, доруҳояшро мехӯрад? Ҳайратзада шудаму гуфтам, кадом дору, ту чӣ мегӯӣ, шавҳарам ҳамин ҷост, на беҳол асту на бемор. Арӯси ҳамсоя бо ранги паридаву садои ларзон гуфт: - шавҳарат СПИД шудааст, ту хабар надорӣ? (Рости гап, бештари мардуми деҳот ВНМО-ро аз БПНМ ҷудо намекунанд ва ҳар дуи онро бо ихтисораи русияш, яъне СПИД ном мебаранд ва ман, рости гап, он вақтҳо дар бораи ВНМО/БПНМ маълумоти кофӣ надоштам, танҳо ҳаминро медонистам, ки гузарандаву марговар аст) Бо шунидани ин сухан хун дар сарам ҷӯшиду оби сатилҳоямро ба сару рӯи дугонаам рехтаму чандин дашном ҳам додам. Аммо ӯ ҳанӯз ҳарфашро бозпас намегирифт, балки гирён ва бо тамкини ба худаш хос гуфт, ки дурӯғ намегӯяд, ин хабарро аз бародараш шунидааст. Гуфт, барои ҳамин ҳуҷҷатҳои шавҳарамро барои шаҳрвандии Русия қабул накардаанд... Намедонам, чӣ тавр ба хона расидам. Ба шавҳарам чизе нагуфтам, аммо тамоми шаб як лаҳза мижа таҳ накардам, дарун-дарун месӯхтаму фикр мекардам ва иттифоқан ҳама гуфтаҳои арӯси ҳамсоя ба ҳақиқат монанд буданд. Воқеан бародари калонии арӯси ҳамсоя дар Русия бо шавҳарам кор мекард ва маҳол буд, ки аз ҳоли якдигар бехабар бошанд. Ҳақиқатан тобистони ҳамон сол шавҳарам мехост барои дарёфти шаҳрвандии Русия ҳуҷҷатҳояшро супорад, аммо натавонисту баъди чанд рӯз ногаҳонӣ аз Русия баргашт ва сабаби ин бор барвақттар омаданашро набудани ҷойи кор гуфт.” Хонандаи азиз, мехоҳем ин ҷо боз як исти дигар кунем, то бароят иттилои муҳимеро бирасонем.

Ба андешаи сарвари Маркази пешгирӣ ва мубориза бо бемории пайдошудаи норасоии масуният (БМНМ) дар ноҳияи Ашт, яке аз омилҳое, ки солҳои охир масъалаи пешгирии сирояти ВНМО-ро мушкил гардонида, сабаби паҳншавии он дар байни аҳолии кишвар гардидааст, ин муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба бемории ВНМО яке аз гурӯҳҳои осебпазир мебошанд ва кишвари мо ҳам, ки дар марҳилаи имрӯзаи инкишофаш ҳамчун кишвари дорои сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ арзёбӣ мегардад, бори гарони сирояти ВНМО-ро бар дӯш дорад.

Дар муҳоҷирати меҳнатӣ бошад, эҳтимолияти гирифторшавӣ ба мушкилиҳои иҷтимоӣ, ба монанди нашъамандӣ, майзадагӣ, сироятшавӣ бо бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ ва хун гузаранда зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 90 дарсади шавҳарони занони ҳомиладори сироятёфтаи ВНМО, дар гузашта дар муҳоҷирати меҳнатӣ будаанд ва мавҷудияти алоқаи ҷинсии бемуҳофизатро низ инкор намекунанд.

Бармегардем бар давоми қисса. Ситора мегӯяд, он шаби ялдои дард ҳам саранҷом ба охир расиду субҳ аз шавҳараш пурсидааст, ки оё дар бораи вазъи саломатияш чизе гуфтан намехоҳад. Аз Ҷамшед пурсидааст, ки оё ин хабар воқеият дорад, ки ӯ гирифтори ВНМО шудааст. Дар аввал шавҳар ин хабарро овозаи навбатӣ мехонаду инкор мекунад, аммо чун Ситора дархости ташхис менамояд, дигар Ҷамшед ноилоҷ тан мегирад, ки ҳақиқатан мубталои ВНМО гардидааст. Баъди фаҳмидани ин ҳақиқати талх, Ситора бо писарчааш Фаршед ба хонаи волидони худ меояд. Мусоҳиби мо нақл мекунад, он замон чунон дар ҳолати шок уфтода буд, ки чӣ гуфтану чӣ кор карданашро намедонист. Дар хонаи волидайн ҳам қариб як ҳафта бо касе сухан намегӯяд ва шабҳо пинҳонӣ гиря мекунад, то вақте ки овозаи ба ВНМО гирифтор шудани Ҷамшед ба гӯши модари Ситора мерасад. Падару модари Ситора дар таҳлука меуфтанду воқеият доштани ин хабарро аз забони духтарашон мешунаванд.

Мусоҳиби мо мегӯяд, волидонам, маро, ки дар хонавода духтари ягона ҳастам, ҳамеша чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунанд ва бо ҷон мекӯшанд, то мудом хурсанду хушбахт бошам. Ва ҳамин нигарониҳои волидон Ситораро то озмоишгоҳ мебарад. Шӯрбахтона ташхис маълум менамояд, ки ӯ ҳам мубталои ВНМО будааст. Бо ин ҳол, боз ҳам Ситора шукр мегӯяд, ки ба фарзандаш сироят накардааст.

Воқеан, хеле сахт аст, ки бузургтарин зарба ба ту аз шахси наздикат бирасад. Ситора аз он рӯзҳои дардноку тираи зиндагияш канда-канда сухан мегӯяд: “Баъди он ки маълум шуд, ман ҳам гирифтори ВНМО ҳастам, дигар ба хонаи шавҳар барнагаштам. Ростӣ, дигар наметавонам канори он марди номард бошам. Ҷойи эҳсоси ишқамро ҳисси нафрату надомат пур кардаанд. Ҳоло медонам, ки он ҳама хабари бадкориҳои Ҷамшед танҳо овоза набуда, балки воқеияти талхи рӯзгори пурозори ман будаанд. Дар ибтидо, меандешидам, ба хотири писарчаам бояд бо шавҳарам якҷоя бошам, аммо ба қароре намерасидам. Саранҷом натавонистам, рӯйи он ҳама хиёнату фиребҳои Ҷамшед чашм пӯшам, натавонистам...”

Дар ҷомеаи суннатии мо – тоҷикон падару модар дар тамоми давраи зиндагӣ нақши калидӣ доранд ва қаҳрамони достони моро ҳам маҳз меҳру пуштибонии волидайн аз ноумедӣ раҳо кардаву ба зиндагӣ дилгарм намудааст. Ситора мегӯяд, соле пеш бо тавсияи падар ба коллеҷи тиббӣ дохил шудам, мехоҳам ҳамшираи шафқат шавам ва ба дардмандон шифо бахшам. Мусоҳиби мо, имрӯзҳо дар оғӯшаш писарчаи аллакай чорсолааш Фаршед, тарзи ҳаёти солим дорад, доруҳояшро сари вақт истеъмол менамояд ва ба ояндааш бо дидаи хушбинӣ нигоҳ мекунад. Умед дорад, ки як рӯзи офтобӣ бахти ҷадиди худро пайдо мекунад.

Тавре аз қиссаи сироятёбии Ситора дарёфтем, мутаассифона, ҳанӯз ҳам сатҳи дониши ҷомеа дар мавриди ВНМО/БПНМ хеле паст аст ва бар замми ин афроде ҳастанд, ки огоҳонаву ноогоҳона сироятнокии худро аз наздикону ҳамхобагонашон пинҳон медоранд ва ин ба афзоиши бештари ВНМО боис мегардад. Ин ҷо як нуктаи муҳим низ ёдамон наравад, ки маҳз тарс аз доғгузориву табъиз сироятёфтагони ВНМО-ро маҷбур мекунад, то сирояташонро аз дигарон пинҳон кунанд. Боиси таассуф аст, ки ҳанӯз ҳам қисмате аз мардуми мо мубталоёни ВНМО-ро ангуштнамо мекунанду онҳоро ҳамчун узви комили ҷомеа намепазиранд ва ҳар чӣ метавонанд, дурӣ меҷӯянд.

Шӯрбахтона вируси норасоии масунияти одам нишона ё аломати берунае надорад, ки аз он сироятёфта будани шахсро муайян карда шавад. Бо ин ҳол чанд тадбири хоссе мавҷуд аст, ки дар коҳиши хатари сироятёбӣ аз ВНМО мусоидат менамояд:

- Риоя намудани тарзи ҳаёти солим.
- Истифодаи таҷҳизоти тиббии яккарата.
- Доштани танҳо як ҳамхоба ва истифодаи рифола ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо шахсони бегона.
- Муоинаи ҳатмии шахсони аз муҳоҷирати меҳнатӣ ва маҳбас баргашта, нашъамандони тазриқӣ.
- Муоинаи ҳатмии никоҳшавандагон то ақди никоҳ ва ғ.

Тибқи иттилои Мурод Пулотов, марҳилаи охирини сирояти ВНМО бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) мебошад, ки метавонад бо гузашти 2-15 сол, вобаста ба ҳолати масунияти инсон инкишоф ёбад. Барои БПНМ инкишофи баъзе намудҳои бемории саратон, сироятҳо ва дигар аломатҳои вазнини клиникӣ хос аст. Дар айни замон доруҳое мавҷуданд, ки барои боздоштани афзоиши сирояти ВНМО дар бадан равона карда шудаанд, яъне шахси гирифтори ВНМО-и мусбат бо истеъмоли бардавоми ин давоҳо метавонад умри дароз ва пурбаҳо ба сар барад.

Дар фарҷом мехоҳем махсусан қайд намоем, ки 25 феврали соли 2017 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020» ва нақшаи татбиқи он қабул гардидааст, ки дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим тамоми чорабиниҳо дар ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодаанд. Дар доираи иҷроиши ин ҳуҷҷати муҳими стратегӣ тамоми хизматрасониҳо, аз ҷумла муоинаҳои гуногун ва таъмини доруворидҳои зиддиретровирусӣ ба сироятёфтагони ВНМО ба таври ройгон сурат мегирад. Давлат тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои одамони ба ВНМО сироятёфта, расонидани кумакҳои тахассусии тиббӣ ва иҷтимоию равонии босифату ройгонро ба онҳо ва аъзои оилаи онҳо кафолат додааст. Ҳамзамон месазад гуфт, дар самти пешгирии сирояти ВНМО, ки таъсири манфии он ба оила, ҷомеа ва дар умум, ба генофонди миллӣ мерасад, мусоидати тамоми сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳаи тандурустӣ, соҳаи маориф, бахши ҷавонон, бахши занон ва оила, бахши меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомотҳои қудратӣ, васоити ахбори омма, ҷамоатҳо ва созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хеле зарур мебошад.

PS: Хонандаи арҷманд, ин қисса воқеияти комил дорад, аммо ба далоили ахлоқиву шахсӣ номҳои тамоми шахсиятҳо ба шакли мустаор оварда шудаанд.

**Эҳсон ТУРСУНОВ**

# Машварати расмии шарҳи якҷояи соли ҳаштуми татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» (Саммит-8, 2018)

*Идома аз саҳ.3*

ҷаҳонӣ ба имзо расонида, он дар 50 мактаби вилояти Хатлон ва водии Рашт татбиқ мешавад.

Дар соли 2018 ҷиҳати таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба хусус маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин кӯдакони ятиму бесарпараст ва оилаҳои камбизоат тадбирҳои мушаххас андешида шуданд.

Бо дарназардошти зарурияти истеҳсолӣ, ҳамзамон афзалият бахшидан ба истифодаи васеи гиёҳҳои шифобахш, алалхусус, гиёҳҳои ватанӣ, раванди таҳия ва мавриди бозидд қарор додани дастурҳои клиникӣ идома дода, дар самти пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемориҳои чашм, дилу рагҳо, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои асаб ва токсикология дастурҳои клиникӣ боздид ва бо фармоишҳои алоқаманди вазорат тасдиқ гардиданд.

Дар раванди пешгирии паёмадҳои нохуши никоҳи хешутаборӣ, пешгирии таваллуди кӯдакони маъюб ва дар ин самт паст намудани беморшавӣ ва маъюбӣ дар Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии тиббию генетикӣ” дар 9 моҳи соли ҷорӣ 2827 занон аз ташхиси фаросавтӣ гузаронида шудаанд.

Барои таъминоти ниёзмандон бо маҳсулоти протезию ортопедӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ 511 адад аробачаҳои гуногуни маъюбӣ, 196 адад асо, 227 дона асо барои нобиноён, 136 ҷуфт асобағал, 223 адад асобағал то оринҷ, 40 дона дастгоҳи шунавой, 76 ортез ва 15 адад роҳравак ба ниёзмандон дастрас карда шудааст.

Бо ҷалби мутахассисон «Корвони саломатӣ» ташкил ва ба шаҳрҳои Кӯлобу Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияи Рашт сафарбар карда шуданд. Дар баробари ташхису муоина ва тавсияи мутахассисон гурӯҳи корӣ таҳти шиори «Аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) гузар, аз солимии худ огоҳ бош» дар байни аҳолӣ суҳбату вохӯриҳо баргузор намуданд.

Масъалаи пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи беморони гирифтори гепатитҳои вирусӣ, ки яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, мавриди нигаронии соҳа қарор дошт, дар ин самт аввалин маротиба дар



ҷумҳурӣ бо қарори Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ Лоиҳаи «Таъсиси Маркази мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ» таҳия шуда, фаъолият дар ин самт рафта истодааст.

Дар қисмати дуюми ҷаласа Дилором Содиқова, ёрдамчии вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар хусуси Гурӯҳи кории техникӣ оид ба қисмати "Идоракунӣ" ҳисобот дод. Ҳамчунин, оид ба мавзуи “Аҳамияти ғизо дар ҳошияи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030” сардори Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи вазорат Ш. Раҳматуллоев, дар хусуси “Раванди татбиқи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2016-2020” сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2016-2020” Қ. Қурбонов, оид ба “Таҷрибаи аввалини ҷорӣ намудани дастури “Шарикӣ бо ҷомеа дар масъалаҳои солимӣ” муовини директори Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим” Пиров Д., оид ба “Таҳлили пешакии натиҷаҳои амалисозии “Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020” сардори шуъбаи таҳлили сиёсати тандурустии Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикӣ”-и вазорат Р. Тоҳиров, “Дар самти ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ): шарҳи мухтасари ҷараёни таҳияи “Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030” сардори Раёсати ислоҳот, КАТС ва робитаҳои байналмилалии Вазорат И. Маҳмудзода ва дигарон баромад намуданд.

Дар охири машварати расмии шарҳи якҷояи соли ҳаштуми татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» резолютсияи он қабул гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷараёни ҷаласаи шарҳи якҷояи соли ҳаштуми татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» бо доираи васеи рӯзноманигони васоити ахбори умуми кишвар нишасти матбуотӣ баргузор карда шуд, ки ба саволҳои онон муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Камолзода, сардорони раёсатҳои Вазорат ва роҳбари Намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон И. Поканевич посух гуфтанд.

***www.moh.tj***

## ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ «ФИДОКОР» ДОИР ГАРДИД

Дар вилояти Хатлон ҷаласаи навбатии ташкилоти ҷамъиятии «Фидокор» доир гардид, ки дар кори он муовини сардори Раёсати тандурустии вилояти Хатлон Шоназарова М.Ш иштирок ва баромад намуда, оид ба амалишавии «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» суханронӣ кард.

Инчунин дар ҷаласаи мазкур мудири бахши ҳуқуқи кӯдаки Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон Бекова Х.Н, сармутахассиси шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Сафаров Ш.А. ва мутахассиси шуъбаи ҳифзи иҷтимоӣ Ғуломова З.Р. дар вилоят нисбат ба мушкилотҳои ҷойдошта баромад намуда, баҳри рафъи онҳо таклифу пешниҳодҳо ироа намуданд.

Дар ҷаласаи мазкур намояндагони ташкилоти байналхалқии “Каритас”-и Олмон ва “Миссияи Шарқ” низ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар охир меҳмонон ба чорабинии бахшида ба «Рӯзи байналмилалии маъюбон», ки санаи 22 ноябри соли равон соати 13:00 дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб баргузор мегардад, даъват гаштанд.

**Гулрухсор Маҳмадалиева**

# ХАТЛОН: ДОНОРОНИ ХУН АЗ ҚАЙД ГУЗАШТАНД

***Дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон 247 нафар донори хун ва плазмасупор аз қайд гузаштанд.***

Дар филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бо мақсади иҷроиши “Барномаи миллии рушди донори хун ва ҷузъҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019» тайи чанд рӯзи охир 247 нафар донори хун ва плазмасупор аз қайд гузаштанд, ки аз онҳо ба миқдори 119л 980 мл маводҳои хун, аз он ҷумла 60 л 280 мл зардоби тезяхкардашуда гирифта шуд.

Инчунин дар филиали Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии хун” дар шаҳри Кӯлоб 34 нафар донори хун ва плазмасупор аз қайд гузаштанд, ки аз онҳо ба миқдори 18 л 600 мл маводҳои хун, аз он ҷумла зардоби тезяхкардашуда 9л 340 мл, 9 л 260 мл эритроситҳои аз лейкосит озод карда шуда барои кӯмаки фаврӣ ба беморон ба муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дастрас карда шуданд.

**Гулрухсор Маҳмадалиева**

# Конститутсия - роҳнамои миллат

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намуданд, ки «Конститутсияи мо хусусияти миллӣ дорад, зеро он бо иродаи мардуми сарбаланди кишвар қабул гардида, дар ин ҳуҷҷати муҳим суннатҳои таърихи давлатдорӣ ва ғояҳои инсондӯстонаи халқи фарҳангсолори тоҷик инъикос ёфтаанд».

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зарурияти қабули санаде пеш омад, ки бояд роҳиояндаи миллати тоҷикро муайян намояд ва фарогири ҳамаи ҳадафҳоиояндаи давлат бошад. Ин санад ба унвони Конститутсия эҷод гардида, 6 ноябри соли 1994 тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд, ки то ба имрӯз ҳамчун санади роҳнамо эътироф гардида, меъёрҳои он мустақилона амал карда истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати тозабунёди тоҷикон дигаргуниҳои куллиеро ба вуҷуд овард. Бори аввал дар таърихи миллати тоҷик забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ эълон гардида, рамзҳои давлативу муқаддасоти миллӣ шинохта шуданд ва халқи тоҷик худро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон намуд.

Конститутсия имрӯз ифодагари манфиатҳои тоҷикистониён буда, муайянкунандаи роҳи рушду тараққиёт ва муаррификунандаи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик ба ҷаҳониён мебошад.




Аз тарафи дигар, ин санади муҳим моро вазифадор менамояд, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя карда, ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намоем.

Боиси хушнудист, ки ҳамасола 6 ноябр – Рӯзи қабули Конститутсияро мо тоҷикон дар баробари дигар ҷашнҳои муҳими давлатӣ дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ таҷлил менамоем.

**Боқизода Муҳаммадсодиқ,**
*котиби озоди кумакҳои унвонии иҷтимоии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ*

# ФАРБЕҲӢ ВА ПЕШГИРИИ ОН

Тайи солҳои охир масъалаи афзудани фарбеҳӣ дар байни аҳолии кишвар мутахассисони соҳаи тибро ба ташвиш овардааст. Бар пояи ин нигаронӣ масъалаи омӯзиш, пешгирӣ ва табобати бемории фарбеҳӣ дар доираи ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ – “Стратегия оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024” ба тасвиб расид ва 31 декабри соли 2014 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онро таъйид кард.

Дар ин стратегия дар робита ба масъалаи омӯзиш, пешгирӣ ва табобати бемории фарбеҳӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст. Бинобар ин дар ҷиҳати иҷрои дастуроти стратегия лоиҳаи илмӣ-тадқиқотӣ “Омӯзиши бемории фарбеҳӣ дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коркарди чорабиниҳои пешгирии он” таҳия ва тасдиқ ва амалӣ шуда истодааст. Маводҳои аввалияи тадқиқот нишон медиҳанд, ки 17% аҳолии ҷумҳурӣ вазни барзиёд дошта, 11,3% (занҳо 10,3%, мардҳо) 12,5%-и он ба бемории фарбеҳӣ гирифтор аст.

Тайи солҳои охир афзудани фарбеҳӣ миёни кӯдакон мутахассисони тибро нигарон кардааст. Натиҷаи тадқиқоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар нишон медиҳад, ки фарбеҳӣ дар байни кӯдакони синни мактабӣ (6-7 сола) 4,7%-ро ташкил медиҳад.

Маводи пешгирикунандаи бемориҳои ғайрисироятӣ (аз ҷумла, пешгирии бемории фарбеҳӣ) барои ворид намудан ба барномаҳои дарсии мактаббачагон ва барномаи компютерӣ барои арзёбии ғизои воқеӣ ва омӯзиши омилҳои инкишофи бемории фарбеҳӣ дар байни аҳолӣ таҳия гардида, дар Феҳристи давлатӣ ба қайд гирифта шуд; меъёри ғизоҳои табобатӣ, китобу дастурамалҳо барои пешгирӣ ва табобати бемории фарбеҳӣ аз тарафи Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ғизо” дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои соҳаи тандурустӣ таҳия шуда, бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ тасдиқу интишор гардиданд.



Бар пояи таҳқиқоте, ки анҷом шуда, авомили фарбеҳӣ дар Тоҷикистон чунинанд:

1.Пурхӯрӣ. Мунтазам аз меъёр зиёд истеъмол намудани ғизо маҳсулоти дорои миқдори зиёди неру, аз қабили гӯшту маҳсулоти гӯштии серравған, ширу маҳсулоти ширии равғаннокиашон баланд, шакар, конфет, торт, маҳсулотҳои қаннодӣ ва ғ. сабаби фарбеҳии инсон мешавад. Масалан, истифодаи барзиёди 100 ккал неру дар як рӯз ба ҷамъ шудани 10 г чарби бадан оварда мерасонад (дар як моҳ ба 300 г, дар як сол бошад ба 3 кг баробар мешавад). Инро бояд хуб дарк намуд, ки ҷамъ кардани чарб дар бадан осон аст, аммо раҳоӣ аз он ба осонӣ муяссар намешавад.

2.Камҳаракатӣ дар ҳолати пурхӯрӣ яке аз сабабҳои асосии фарбеҳӣ мебошад. Ҳангоме ки миқдори зиёди кислотаҳои чарбӣ ва карбогидратҳо оксид мешаванд, агар фаъолияти мушакҳо заиф бошад, кислотаҳои чарбӣ ва карбогидратҳо ба чарби бадан мубаддал мегарданд.

3.Тағйироти мубодилаи моддаҳо, ки аз раванди синну сол (ба балоғат расидани писарону духтарон, ҳайзи занон ва ғ.) вобаста аст, метавонанд сабаби инкишофи бемории фарбеҳӣ шаванд;

4.Асабонӣ шудани инсон низ яке аз омилҳои фарбеҳӣ аст;

5.Одатҳои номатлуб (истеъмоли машрубот, тамокукашӣ ва ғ.).

Гузашта аз ин бояд гуфт, ки агар волидайн вазни барзиёд дошта бошанд ва ё ба бемории фарбеҳӣ гирифтор бошанд, заминаи инкишофи фарбеҳӣ дар фарзандони онҳо пайдо мешавад. Масалан, агар фарбеҳӣ ҳам дар падар ва ҳам дар модар мушоҳида шавад, он гоҳ 80%, вале агар яке аз онҳо фарбеҳ бошад, 40%- и кӯдаконашон ба бемории фарбеҳӣ дучор мешаванд.

Ғизогирии сунъии кӯдакони навзод ҳам дигаре аз сабабҳои фарбеҳ шудани инсон дар калонсолӣ аст.

*Усули муайян намудани бемории фарбеҳӣ*

Барои муайян намудани фарбеҳӣ индекси вазни бадан (ИВБ) ва қад(м)2 муайян карда мешавад - нишондоди вазни бадан (кг)/ нишондоди қад (м)2.

Қабул шудааст, ки ИВБ: <18,5 кг/м2-норасоии сафедаю неру;

18,5-24,9-вазни бадани меъёрӣ;

25-29,9-вазни барзиёд;

> 30-34,9-бемории фарбеҳии дараҷаи 1;

35-39,9-бемории фарбеҳии дараҷаи 2;

> 40-бемории фарбеҳии дараҷаи 3 баҳо дода мешавад.

Шахсони дорои вазни барзиёд ва бемории фарбеҳӣ бештар ба дигар бемориҳо гирифтор мешаванд, ки дар натиҷа умри кӯтоҳ хоҳанд дид.

Фарбеҳӣ заминаи гирифтории инсон ба бемориҳои назири фишорбаландӣ, диабети қанди намуди 2, намудҳои алоҳидаи саратон (саратони ғадуди сина, рӯдаи ғафс ва ғ.)-ро фароҳам месозад.

Афзоиши бемории фарбеҳӣ дар ҷомеа сабаби харҷи зиёди иқтисодии соҳаи тандурустӣ шуда, дар маҷмӯъ, ба иқтисодиёти давлат латма мезанад.

Барои пешгирӣ аз фарбеҳӣ бояд меъёрҳои зеринро риоя намуд:

1.Кам истеъмол намудани миқдори карбогидратҳои одӣ (шакар, конфет, торт, мураббо ва ғ.);

2.Маҳдуд намудани истеъмоли чарбӣ (гӯшту маҳсулоти гӯштии пурчарб, ширу маҳсулоти ширии равғаннокиашон баланд) дар ғизо;

3.Ба таври васеъ истеъмол намудани меваю сабзавоти тару тоза, кабудӣ ва омода намудани таомҳо аз ғалладонаю лӯбиёгиҳо;

4.Риояи реҷаи истеъмоли 5-6 маротибаи ғизо бо маҳдуд намудани истеъмоли маҳсулоти ангезандаи иштиҳо (глутамат натрий, ки барои баланд бардоштани маззаи ғизо истифода мешавад, хӯриш, таъмдиҳандаҳо, машрубот ва ғ.);

5.Маҳдуд намудани истеъмоли намаки ошӣ то 5 г ва об аз 1 то 1,5 л.

Тадриҷан кам кардани неруи ғизо бояд ҳамзамон бо назорати ҳамешагии вазни бадан бошад. Хуб мешуд, ки шахсони дорои вазни барзиёд ва гирифтори бемории фарбеҳӣ рӯзномаи вояи ғизо тартиб диҳанд, ки дар он истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва таомҳо, ҳаҷму ҳисса ва сабаби истеъмоли онҳо (масалан, гуруснагиро эҳсос намудан ва ғ.) сабт гардад.

Мунтазам риоя намудани реҷаи вояи ғизо заминаи фарбеҳиро аз байн мебарад.

**ХАЙРОВ Ҳ.С.,**

*директори Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ғизо”*

# САРДАРД ВА ФАСЛИ САРМО (САРДАРДИ САРМОӢ)



Ба андешаи мутахассисон сардард, аломати ягон халал дар организм мебошад. Бемориҳои зиёде вуҷуд доранд, ки боиси сар задани сардард дар инсон мегарданд. Аммо дар қатори бемориҳо, сармо низ метавонад боиси сар задани сардард гардад.

Ба ин тартиб дар фасли зимистон, дард дар қисмати сари инсон чун аксуламал ба хунукӣ ва бод метавонад буруз кунад. Таҳти таъсири ҳавои сард, дар бадани инсон халалҳои ба вуҷуд меоянд, ки ба ихтилоҷи рагҳо ҳам дар дохили сар ва ҳам дар беруни он мунҷар мегарданд.

Дар илми тибб барои ин ҳолат, ҳатто истилоҳи махсус "сардарди сармоӣ" ро истифода мебаранд. "Сардари сармоӣ" метавонад таҳти таъсири ангезандаи дохилӣ ё берунӣ ба вуҷуд биояд. Тибқи оморҳои тиббӣ, аз сардард дар фасли сармо 20% одамон дар сар то сари ҷаҳон азият мекашанд. Бештар ба "сардарди сармоӣ" занон ва одамони ба обу ҳаво ҳассос гирифтор мегарданд.

Инчунин пайдоиши сардард дар фасли тирамоҳ ва зимистон метавонад аз ҳадди пасти ҳассосияти афрод ба сармо гувоҳӣ диҳад. Ва агар сабаби "сардарди сармоӣ" ошкор ва бартараф гардад, худи дард низ нопадид мегардад. "Сардарди сармоӣ" бештар дар қисмати пешонӣ маҳдуд мегардад. Нӯшидани моеъи сард низ дар одамони ба обу ҳаво ҳассос, метавонад сабаби пайдоиши сардард гардад.

Ҳангоми сар задани сардард дар фасли сармо, бояд ба ҷои гарм ворид гардида, чаккаҳо ва пешониро масҳ кард. Нӯшиданиҳои гарм монанди чои гиёҳӣ, кабуд ё суп низ метавонанд хуруҷи "сардарди сармоиро" бартараф намоянд. Нӯшидани қаҳва бошад, хусусан дар афроди ба обу ҳаво ҳассос, баръакс сардарди саромиро шадидтар мегардонад. Чаро, ки ин нӯшиданӣ асабҳои ҳиссиро (рецептор) ба тағйирёбии ҳарорати ҳаво пурзӯр мегардонад. Истироҳати комил ва хоби на камтар аз 7 соата низ гардиши хун ва фаъолияти (тонуси) рагҳоро беҳтар намуда, боиси коҳиш ёфтани "сардарди сармоӣ" мегардад.

Аммо агар сардард, доиман инсонро азият диҳад бояд ба мутахассис муроҷиат намуд. Ба андешаи табибон ҳеҷ сардардро намешавад ба ҳоли худ раҳо кард ва ба он беэътиноӣ намуд, чаро ки он метавонад аломати ягон беморӣ бошад. Табибон таҳаммул кардани сардардро тавсия намекунанд, аммо суистифода аз маводи доруиро ҳам ҳангоми хуруҷи сардард, салоҳи кор намедонанд. Истифодаи зиёди доруҳои таскиндиҳанда, метавонад боиси дарди сари иловагӣ гардад.

Инчунин барои пешгирии "сардарди сармоӣ" ба сару либоси худ диққат бояд дод. Шояд кулоҳсар ё гарданбандатон чандон гарм набошанд ё зиёд танг бошанд. Дар ин ҳолатҳо гардиши хун метавонад халалдор гардида, сабаби сар задани сардард шавад. Дар ҳолати тамоюл доштан ба "сардарди сармоӣ" масҳ бисёр муфид қарор мегирад. Ҳолати истресс низ аҳамияти вежа дорад, чун дар ин ҳолат ҳар дард ду чанд гардида, боиси азияти бештар мегардад. Бинобар ин ҳамеша кӯшиш кунед оромиши худро аз даст надиҳед.

**Дилором Ахмедова,** *табиби умумӣ*



*Аз осори Ибни Сино*

*Тиб донишест, ки аз он ҳолатҳои бадани инсон аз лиҳози тандурустӣ ва набуди он шинохта мешавад ва ҳадаф аз он ҳифзи тандурустии мавҷуда ва талош барои баргардонидани он ҳангоми аз даст рафтан мебошад.*

*Хонанда метавонад бар ин таъриф хӯрда гирад ва бигӯяд: тиб ба ду шоха – назарӣ ва амалӣ тақсим мегардад ва шумо дар таърифи худ бо истифодаи вожаи "дониш" тамоми тибро дар шохаи назарии он хулоса намудед!*

*Дар посух мегӯям: бархе аз саньатҳо ҳар ду ҷанба – назарӣ ва илмиро доро мебошанд, ҳатто бахше аз фалсафа низ чунин аст, илми тиб низ ба тақозои худ ду шоха – назарӣ ва илмӣ дорад ва мақсад аз ин таъбир дар ҳар илме чизест, ки мо дар ин гуфтор дар садади зикри он дар илмҳои дигар намебошем ва танҳо ба баёни мақсуди худ дар илми тиб басанда мекунем.*

*Мақсуди мо аз ин ки мегӯем, бахше аз тиб назарӣ ва бахши дигари он амалист, ин нест, ки тиб ба ду бахши ҷудогона тақсим мегардад, як бахш омӯзиши илми тиб ва бахши дигар амалиётиву корбурдӣ, чунончӣ бисёре аз пажӯҳишгарон дар ин мабҳид чунин пиндоре доранд, балки тиб фақат илму дониш аст, ки бар ду шоха аз тиб таалуқ дорад: бахши аввал илм ба қонунҳову усулҳо ва бахши дувум илм ба тарзи амалу истифода, ки ба бахши аввал мутааллиқи илмӣ ё назарӣ мешавад ва ба бахши дувум мутааллиқи амалӣ.*

*Ал-Қонун фи-т-тиб, саҳ.283*

# ПАХТА ВА ХОСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИ ОН

Пахта (ба лотинӣ - Gossypium) зироати машҳур ва хеле қадимист. Таърихаш ҳазорҳо солро дар бар мегирад. Ду навъ мебошад: яке пахтаи сафед медиҳад, ки ниҳолаш сершох аст ва дар ҳар шохе мувофиқи қувватизаминаш кӯсак ё худ шукуфаҳо дорад, ки самараш қариб гирда мебошад. Дигаре бешох, рост ва баланд қад мекашад, вале кӯсаки ин нисбатан майдатар ва дарозаи нӯгдор — наххои ин нисбатан маҳинтар ва дарозтар аст.

Одатан чигити инҳо кишта мешаванд, аз замин ниҳоли нав дубаргашавон бармеояд ва баъд баргҳои муқаррарӣ зоҳир намуда, бо мурури рӯзҳо шона мебандад, гул мекунад, кӯсак мегирад ва инак, он расида пахтааш мешукуфад. Дар ҷойҳои мо пахтаро ҳар сол як бор аз нав мекоранд, вале дар минтақаҳои гармо як бор коранд, ду сол ҳосил медиҳад.

Мизоҷаш дар дараҷаи дуввум гарм ва хушк аст; мизоҷи чигиташ дар дараҷаи дуввум гарм ва тар; мизоҷи гулаш гарм ва тар аст, ки илова бар ин боз хислати фараҳбахшӣ ҳам дорад.

Бар замми ин ки пахта яке аз боигариҳои кишоварзии кишвари мост, ҳамзамон яке аз сарватҳои гиёҳдармонӣ низ ба ҳисоб меравад. Он саропо дорои хислатҳои шифобахш аст, ки ин ҷо бо қисме аз онҳо хонандагони арҷмандро ошно менамоем: аз гулаш шароб тайёр мекунанд ва ба ин усул. 400 грамм гули тару тозаашро дар 1,6 килограмм оби борон ё оби муқаттар як шабонарӯз тар карда, баъд то сеяки об мондан бо оташи мулоим меҷӯшонанд. Пас хуб молида, аз матои бофташ зич гузаронида, соф менамоянду бо 800 грамм қанди сафед қивом месозанд. Дар лаҳзаҳои охири қивом 2,25 грамм заъфаронро ос карда, дохили он мекунанд. Аз ин таркиб ҳар рӯз як бор 70 грамм бо гулоб ё бо бедмишк ва ё бо арақи говзабон бихӯранд, девонаи навро сиҳат мебахшад; васвос ва тапидани дил (дилбозӣ), ки аз гармӣ бошанд ва инчунин хафа (бӯғма) шудани гулӯгоҳи бачадонро ба ибро меоварад. Агар 25 грамми онро бинӯшанд, аз бисёр хурсандӣ бахшидан кайф мекунад ва ба ҳолате қариб ба мастӣ меоварад.



Гули онро батанҳоӣ ё бо барги тараш якҷо кӯфта гузошта банданд, обила ва сӯхтагии оташро дафъ мекунад — шифо мебахшад. Агар либоси пахтагин ё либоси пашмин ва абрешимро, ки тор ё пудаш аз пахта бошад, бипӯшанд, баданро қувват мебахшад, гарм нигоҳ медорад, аъзои баданро хушк ва сахт мегардонад, инчунин барои бемориҳои вобаста ба ҳолати майна ва асаб, ки монанди: ларзак, сустӣ ва нотавонии аъзо, фолиҷ (шал шудани нимаи бадан ба дарозӣ), кузоз (столбняк) ва монанди инҳо форам ва мувофиқ аст. Дуди пахтаро дар бинӣ кашанд, зукомро дафъ мекунад.

Пахтаи наддофӣ кардашударо, яъне бечигитро то сиёҳ шуданаш сӯхта, яъне сӯхтаи онро ба ҳадди хокистар нарасонида гузошта банданд, варамҳоро таҳлил медиҳад, хоришро дафъ мекунад ва сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Пахтаро аз чигиташ ҷудо карда, даруни захмҳои чуқуррафтаро аз он пур намоянд, римашро аз чуқурии он мекашад ва захмро хушк карда сиҳат мебахшад. Пахтаро то орд барин маҳин гаштанаш кӯфта бипошанд, ҷароҳатҳоро хушк ва сиҳат мекунад. Агар аз ин кӯфта захмҳои кухнаро пур кунанд, гӯшти ҳароми онҳоро мегудозад ва дафъ месозад, рими онҳоро низ аз ҷойҳои чуқур мекашад.

Пахтаро гарм карда, ба узвҳои дардманд ва варамҳои сард дар ҳар узве, ки бошанд, гузошта банданд ва муддате ҳамон тавр бигузоранд, дардро дафъ мекунад, варамро таҳлил медиҳад. Чигити нав аз пахта ҷудо кардашударо кӯфта, андак занҷабили кӯфта ва об бар он пошида, гарм карда, чун фатила аз пахта созанду як сари онро ба озаҳҳои мехшакл гузошта, сари дигари онро бисӯзонанд, ки гармӣ ва тезии он ба озаҳҳо расад, вале насӯзад ва то се рӯз ҳамин тавр доғ кунанд, озах нест мешавад.

Мағзи бепӯсти чигитро бихӯранд, узвҳои даруни сина ва шикамро мулоим мекунад, сурфаро, ки аз гармӣ бошад, дафъ месозад. Агар инро бо дорчинӣ ва шакар бихӯранд, боҳи (пушти камари) одамони сардмизоҷро қувват мебахшад, вале агар бо сиканҷабин (сиркоасал) бихӯранд, барои пурқувват кардани боҳи одамони гармимизоҷ дармон мегардад. Миқдори як бор хӯрдан аз мағзи чигит дар як рӯз то 23 грамм аст.

Равғани чигитро бимоланд, доғҳои кунҷидакро дафъ мекунад ва ҷароҳатҳоеро, ки дар рухсора пайдо шуда бошанд, шифо мебахшад. Оби баргҳои тару тозаашро бо воситаи кӯфтан ситонида, аз он об чанд бор 75-граммӣ (хусусан бо шарбати себ) бинӯшанд, рафтани даруни кӯдакон ва ғайри кӯдаконро мебандад.

Баргашро кӯфта, бо равғани гулисурх сиришта гузошта банданд, никрис (дард ва варами ангуштони дасту пойҳо) ва дардҳои дигари луққосанандаи доимиро шифо мебахшад, ки дар ин бобат давои бемисл аст. Агар барги пахтаро бо барги чилмангӯштак (семизут) якҷо кӯфта гузошта банданд, дарди буғумҳоро, ки хоҳ аз гармӣ ва хоҳ аз хунукӣ бошад, даво мешавад. Баргҳои майдатар ва андак решааш—ҳар дуро дар об ҷӯшонида, дар он об занҳо то ноф даромада нишинанд, бӯғишавии бачадонро, ки дафъа-дафъа беҳушӣ меоварад, шифо мебахшад ва дарди ин узвро таскин медиҳад. Баргҳои онро дар соя хушк карда, кӯфта бипошанд, хуни ҷароҳатро, ки аз буридани теғ, расидани тир ва ғайра равон бошад, манъ мекунад.

Ҳар як қисми дарахт ва самари пахтаро кӯфта гузошта банданд, меъдаро қувват мебахшад, хуни дар узвҳои бадан шахшударо таҳлил медиҳад ва онро ба рӯйи пӯст мекашад. Агар як сари шохи пахтаро дар гӯш гузоранд ва сари беруни онро бисӯзонанд, оби ба даруни гӯш рафтаро, ки берун оварданаш душвор гашта бошад, ба худ мекашад.

ШИФО



*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир

**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир

**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир

**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир

**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Бибихонум Дарвешзода** - директори Маркази матбуоти вазорат

**Сармуҳаррир Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ: Комрони Абдуназар**

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:

**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**
**Гулрухсор Маҳмадалиева**

**Ҳафтанома тахти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.**

**- Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.**
**- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.**
**- Маводҳо дар шакли электронӣ, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.**

**Ҳафтанома дар ҶДММ "Мега - принт" ба табъ расид. Теъдоди нашр 5000 нусха**

**Нишонӣ: 734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02**